**Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-19**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, кучаи**
**Буни Ҳисорак бинои 11)**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Қурбонзода Афзуна Азим “Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон”„ ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Қурбонзода Афзуна Азим дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳамчун таҳқиқоти мукаммали илмӣ-назариявӣ ва амалӣ ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод гардида, ба талаботи муқаррарнамуда ҷавобгӯ мебошад. Мавзӯи таҳқиқот ба доираи ихтисоси 5.5.8 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мутобиқ буда, масъалаҳои муҳими назариявӣ ва амалии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкориро дар шароити муосири рушди қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаро мегирад.

**Мубрам будани мавзӯи диссертатсия.** Дар илми муосири ҳуқуқи ҷиноятӣ таҳқиқи масъалаҳои марбут ба ҷиноятҳое, ки дар боби 29 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд, яъне ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлатӣ, ҳамчун яке аз самтҳои муҳим ва мубрами таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ арзёбӣ мегардад. Зеро маҳз ин гурӯҳи ҷиноятҳо ба манфиатҳои бунёдӣ ва ҳаётан муҳими давлатдорӣ, суботи сиёсӣ ва устувории низоми ҳуқуқӣ таъсири бевосита мерасонанд. Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ, афзоиши таҳдидҳои фаромиллӣ, аз ҷумла экстремизм, терроризм, кибертаҳдидҳо ва дахолатҳои иттилоотӣ, масъалаи таҳкими ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии амнияти давлатӣ ва сохти конститутсионӣ аҳамияти хосса пайдо менамояд.

Таъмини амният, новобаста аз шаклҳои он, амнияти шаҳрвандӣ (маданӣ), ҷамъиятӣ, давлатӣ, инчунин амнияти равониву маънавӣ яке аз рукнҳои бунёдии рушди устувор ва босуръати ҳар як давлат ба шумор меравад. Амният ҳамчун категорияи комплексии иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ на танҳо ҳолати ҳифзшавии манфиатҳои ҳаётан муҳими шахс, ҷомеа ва давлатро ифода

мекунад, балки ҳамзамон шарти зарурии фаъолияти самараноки институтҳои давлатӣ, амалишавии сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ ва таъмини волоияти қонун мебошад. Дар ин замина, рушди устувори тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла иқтисодиёт, сиёсат, иҷтимоиёт ва фарҳанг ба сатҳи кафолати амният вобастагии зич дорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи таъмини амнияти миллӣ ба сифати яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ зери таваҷҷуҳи доимииПешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Сиёсати пешгирифтаи роҳбарияти давлат ба таҳкими пояҳои ҳуқуқии амният, ҳифзи арзишҳои конститутсионӣ, таъмини суботи ҷамъиятӣ ва муқовимат ба таҳдидҳои муосир равона гардида, дар заминаи он механизми мукаммали таъмини амнияти миллӣ ташаккул ёфтааст. Ин раванд на танҳо ба таҳкими сохти конститутсионӣ ва пойдории давлатдорӣ мусоидат менамояд, балки заминаи боэътимоди рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро фароҳам меорад. Таъмини амният, мувофиқан ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи амният" ҳамчун - татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи таъмини амният ба воситаи низоми тадбирҳои дорои хусусияти иқтисодӣ, сиёсӣ, ташкилӣ ва дигар хусусиятҳо, ки ҷавобгӯи таҳдид ба манфиатҳои ҳаётан муҳими инсон ва шаҳрванд, ҷамъият ва давлат мебошанд, маънидод шудааст. Дар Паёми имсолаи (соли 2023) Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чун ҳамеша таъкид карда шуд, ки "Вазъи мураккабу ташвишовари минтақа ва ҷаҳон, аз ҷумла торафт шиддат гирифтани раванди азнавтақсимкунии дунё, яроқнокшавии бошитоб, «ҷанги сард», таҳдиду хатарҳои муосир – терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷинояткориҳои муташаккили фаромиллӣ моро водор месозад, ки барои таъмин намудани амнияти мудофиавии кишварамон тадбирҳои иловагӣ андешем". Чунин хатарҳои муосир имрӯзҳо ба амнияти миллии Тоҷикистон дар умум ва амнияти давлатӣ, ҷамъиятӣ, иқтисодӣ, озуқаворӣ, ҳарбӣ, экологӣ, иттилоотӣ ва ғайра дар алоҳидагӣ таҳдид мекунанд. Яъне, маҷмӯи шароит, раванд ва омилҳое, аз қабили терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷинояткориҳои муташаккили фаромиллӣ, ки барои амалишавии манфиатҳои миллӣ монеа мешаванд ё ба онҳо хатар ба вуҷуд меоранд, мушоҳида мегарданд. Ҳамин тавр, амнияти давлат ва шаҳрвандони он яке аз афзалиятҳои асосӣ, яъне меҳварӣ дар Паёми имсолаи (соли 2023) Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Мубрамияти мавзӯи мавриди таҳқиқро муаллиф ба таври илмӣ асоснок намуда, бо такя ба таҳлили таърихӣ-ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки институти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ дорои решаҳои амиқи инкишофи

қонунгузорӣ мебошад. Чунончи, бори аввал дар сатҳи қонунгузорӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ бо қабули Қарори Кумитаи иҷроияи марказии Русия аз 20 июни соли 1919 «Дар бораи аз қаламрави умумӣ хориҷ кардани минтақаҳои ҳолати ҳарбӣ эълоншуда» муқаррар гардида, заминаи ташаккули минбаъдаи ин институти ҳуқуқиро дар низоми ҳуқуқии давлатҳои пасошӯравӣ фароҳам овард. Минбаъд, дар раванди инкишофи қонунгузории ҷиноятии давраи шӯравӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ва баъдан дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ҳамчун меъёри мустақили ҳуқуқӣ инъикос ёфта, бо дарназардошти шароити сиёсӣ ва идеологии он давра, ба ҳифзи манфиатҳои давлат ва сохти ҷамъиятӣ равона гардида буд. Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки тахрибкорӣ ҳамеша ҳамчун яке аз шаклҳои хавфноки ҷиноят ба муқобили давлатдорӣ арзёбӣ мешуд.

Дар шароити давлатдории соҳибистиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ин институт аҳамияти худро нигоҳ дошта, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан дар моддаи 309, муқаррар гардидааст. Ин меъёр бо дарназардошти таҳдидҳои муосир ба амнияти давлатӣ, аз ҷумла хавфҳои диверсионӣ, экстремистӣ ва дигар амалҳои харобкорона, ба таъмини ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва суботи конститутсионӣ равона шудааст. Бо ин тартиб, таҳлили эволютсияи меъёрҳои ҳуқуқӣ вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ нишон медиҳад, ки масъалаи мазкур ҳам дар гузашта ва ҳам дар шароити муосир дорои аҳамияти баланди назариявӣ ва амалӣ буда, омӯзиши минбаъдаи он барои такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва баланд бардоштани самаранокии сиёсати ҷиноятии давлат зарур мебошад.

Новобаста ба ин, то имрӯз тадқиқоти ҳамаҷонибаи илмии мукаммале вобаста ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, ҳанӯз ҳам бештари мушкилот дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ ҷой доранд, ки бартараф намудани онҳо маҳз тавассути анҷом додани таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ зарур мебошад, зеро ҳангоми дар амалия татбиқ намудани м. 309 КҶ ҶТ мушкилиҳо ба миён меоянд. Аз ҷумла, вобаста ба объекти тахрибкорӣ, ки қаблан ҳамчун ҷиноят алайҳи давлат муайян гардида буд, аммо ҳоло ҷиноят бар зидди асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлатӣ мебошад, инчунин моҳият ва мазмуни дигар унсурҳо ва хусусиятҳои ин ҷиноят, тағйироти қонунгузорӣ, ки боиси афзоиши шаклҳои ҷиноятикорӣ гардид, мушкилоти фарқ кардани тахрибкорӣ аз амали террористӣ ва дигар ҷиноятҳои ҳамшабеҳ ва монанди инҳо".

Мубрамияти мавзӯи мазкур ҳамчунин бо он асоснок карда мешавад, ки дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар самти мавзӯи таҳқиқшаванда, яъне ҷавобгарии

ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ фикру ақидаҳои ягона оид ба мазмун ва моҳияти таркиби тахрибкорӣ на танҳо нисбати нисбати объект, балки предмети он, криминализатсия намудани намудҳои нави тахрибкорӣ, мақсади он низ ҷой надорад. Ҳалли масъалаҳои мазкур рӯзмарра буда, аҳаммияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ доранд. Маҳз ҳалли ин проблемаҳо интихоби мавзуъи таҳқиқоти илмии муаллифро боз ҳам актуалӣ мегардонад.

Дар асоси гуфтаҳои зикргардида таҳлили ҳамаҷонибаи назариявӣ ва амалии масъалаи “Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, коркарди тавсияҳои илман асоснок ҷиҳати мукаммалгардонии қонуни ҷиноятӣ дар замони имрӯза мубрам мебошанд. Муаллиф ба пуррагӣ тавонистааст, ки дар доираи муқаддима, ду боб, шаш зербоб ва хулоса моҳияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионро баррасӣ кунад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Диссертатсияи Қурбонзода Афзуна Азим ҳамчун нахустин таҳқиқоти маҷмӯии илмӣ бо забони давлатӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба масъалаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ бахшида шудааст, дорои аҳамияти баланди илмӣ-назариявӣ ва амалӣ арзёбӣ мегардад. Навгонии илмии таҳқиқот, пеш аз ҳама, дар муносибати системавӣ ва комплексӣ ба омӯзиши институти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ зоҳир гардида, муаллиф тавонистааст масъалаҳои асосии марбут ба ташаккул, рушд ва такмили танзими ҳуқуқии ин падидаи ҷиноятиро дар заминаи таҳлили амиқи манбаъҳои таърихӣ ва қонунгузории муосир баррасӣ намояд.

Дар доираи таҳқиқот масъалаҳои таърихи ташаккул ва инкишофи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ дар қаламрави Тоҷикистони таърихӣ ба таври муфассал таҳлил гардида, пайдарҳамии таҳавулотии ин институт дар марҳалаҳои гуногуни рушди давлатдорӣ нишон дода шудааст. Ҳамзамон, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил имкон додааст, ки умумиятҳо ва фарқиятҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ муайян гардида, таҷрибаи пешқадам барои такмили қонунгузории миллӣ пешниҳод карда шавад.

Муаллиф ба таҳлили амиқи аломатҳои объективӣ ва субъективии таркиби ҷинояти тахрибкорӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, унсурҳои таркибии онро бо истифода аз дастовардҳои илми муосири ҳуқуқи ҷиноятӣ ва таҷрибаи судӣ асоснок намудааст. Яке аз дастовардҳои муҳими таҳқиқот муайян намудани меъёрҳои фарқгузории ҷинояти тахрибкорӣ аз терроризм ба ҳисоб меравад, ки дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ барои дуруст бандубаст намудани кирдорҳо мебошад.

Дар диссертатсия инчунин зарурати такмили Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла моддаи 309, ба таври илмӣ асоснок гардида, сохтори нави меъёр пешниҳод шудааст, ки ба мутобиқсозии қонунгузории миллӣ бо таҳдидҳои муосир ва стандартҳои байналмилалӣ равона мебошад. Дар баробари ин, тамоюлҳои танзими меъёрии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ дар марҳалаҳои гуногуни рушди таърихии қонунгузории Тоҷикистон таҳлил гардида, тадбирҳои мушаххаси такмили сохтори таркибии ҷинояти мазкур пешниҳод шудаанд.

Бо ҳамин, диссертатсияи мазкур на танҳо холигии мавҷударо дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ пур намуда, балки ҳамчун заминаи назариявӣ барои рушди минбаъдаи қонунгузорӣ ва такмили амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ дар самти муқовимат ба тахрибкорӣ хизмат менамояд. Чунин пешниҳодҳои муаллиф хусусияти навгониро дорнад:

**1.** Муаллиф, бо такя ба таҳлили фарогири таърихӣ-ҳуқуқӣ, эволютсияи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ ба таври илмӣ асоснок намуда, онро ба ду марҳалаи инкишоф ҷудо менамояд. Марҳалаи аввал, давраи шӯравӣ (солҳои 1917–1991) ҳамчун давраи ташаккули ибтидоии институти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ арзёбӣ гардида, дар ин давра меъёрҳои ҳуқуқӣ бештар ба ҳифзи манфиатҳои сиёсӣ ва идеологии давлат равона буданд ва таркиби ҷиноят бо хусусиятҳои нисбатан умумӣ ва идеологишуда тавсиф меёфт. Марҳалаи дуюм, давраи истиқлол мебошад, ки бо раванди сифатан нави такмил ва рушди қонунгузории ҷиноятӣ хос буда, дар ин давра дар сохтори таркиби ҷинояти тахрибкорӣ, навъ ва андозаи ҷазо, инчунин дар муайян намудани аломатҳои бандубасткунандаи таркиби ҷиноят тағйироти ҷиддии ҳуқуқӣ ба миён омадаанд. Хусусан, дақиқсозии шакли гуноҳ, такмили аломатҳои тарафи объективӣ ва субъективии ҷинояти тахрибкорӣ, инчунин мутобиқсозии меъёрҳои ҳуқуқӣ ба талаботи давлатдории миллӣ ва стандартҳои байналмилалӣ, ба баланд бардоштани самаранокии ҳифзи ҷиноятӣ-ҳуқуқии амнияти давлатӣ мусоидат намудаанд. Ин гурӯҳбандии давраҳо имкон медиҳад, ки қонуниятҳои рушди институти мазкур ба таври низомманд дарк гардида, заминаи илмӣ барои такмили минбаъдаи қонунгузорӣ фароҳам оварда шавад.

**2.** Муаллиф дар сатҳи диссертатсия асоснок мекунад, ки давлатҳои хориҷӣ, гуруҳҳои (ташкилотҳои) террористию экстремистӣ метавонанд тахрибкориро бо мақсади суст кардани амнияти миллӣ ва заиф гардонидани амнияти иқтисодии Тоҷикистон, пешбурди манфиатҳои сиёсӣ, ҳарбӣ, душманона, иқтисодӣ ва ғайраҳо истифода баранд ва он аксаран ба таври пинҳонӣ сурат мегирад. Тахрибкорӣ дар ҷаҳони муосир метавонад аз ҳар гӯшаи ҷаҳон анҷом дода шавад. Истифодаи бемамониати ТИК дар масъалаҳои амнияти иқтисодӣ ва иқтидори

мудофиавӣ шаклҳои нави тарафи объективии тахрибкориро ба вуҷуд меорад, яъне тахрибкории кибернетикиро. Ин муқаррарот бояд аз категорияи гипотеза ба категорияи амалияи устувор гузарад. Корношоям кардани инфраструктураи ҳарбӣ, таҷҳизоти саноатӣ, системаҳои автоматии идоракунӣ, барномаҳои компютерӣ ва дигар иншооти мудофиавӣ муҳимтарин вазифаҳоест, ки дар натиҷаи тахрибкории кибернетикӣ ҳал карда шудаанд. Барои ҳимояи ҳамаҷонибаи ҳуқуқӣ-ҷиноятии манфиатҳои амнияти иқтисодӣ ва иқтидори мудофиавӣ аз ҳамлаи киберӣ, ки ба амнияти давлат таҷовуз мекунад, ҷиноят ҳисоб карда, ин амал ҳамчун ҷиноят – тахрибкорӣ тасниф карда шавад. Дастгир кардани гумонбаршуда, интиқол додани ӯ ба мақомоти тафтишоти пешакӣ, барасмиятдарории протокол қисми таркибии дастгир кардани мурофиавии ҷиноятӣ мебошад. Аз лаҳзаи барасмият даровардани қарор дар бораи гумонбаршуда донистани шахс дар содир кардани ҷиноят ё аз лаҳзаи дастгир кардани воқеӣ, шахс дастгиршуда ба ҳисоб рафта, то қабули қарор дар бораи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ба сифати айбдоршаванда кашидан ё то озод кардан дар чунин мавқеъ боқӣ мемонад.

**3.** Муаллиф пешниҳод мекунад, ки дар КҶ ҶТ чунин тағйиру иловаҳо ворид карда шаванд:

3.1. Дар қ. 2 м. 309 КҶ ҶТ илова намудани аломатҳои бандубастшавандаи зерин: а) якчандкарата; б) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ; в) бо истифодаи мақоми хидматӣ; г) дар ҳолати ретсидиви хавфнок;

3.2. Дар қ. 3 м. 309 КҶ ҶТ илова намудани аломатҳои бандубастшавандаи зерин: а) аз ҷониби гуруҳи муташаккил ё иттиҳоди ҷиноятӣ; б) дар ҳолати ретсидиви махсусан хавфнок; дар вазъияти ҷангӣ ё замони ҷанг;

3.3. Асоснок карда шудааст, ки дар қ. 1 м. 309 ибораи «равона шудааст» ба «бевосита равона шудааст» иваз карда шавад;

3.4. Пешниҳод карда мешавад, ки ба диспозитсияи м. 309 КҶ ҶТ шакли нави содир кардани ин ҷиноят, яъне содир кардани тахрибкорӣ тавассути “ҳамлаҳои киберӣ" илова карда шавад. Дар доираи ҳамлаи киберӣ бояд ҳамчун таҷовуз ба шабакаҳои компютерӣ тавассути воруди беиҷозати онҳо, сирояти оммавӣ бо нармафзори зараровар, забти иттилооти махфӣ ва ғайра фаҳмида шавад, ки мақсади заиф кардани амнияти иқтисодӣ ва иқтидори мудофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта бошанд.

Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот, ки дар шакли нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаҳои асосноки назариявӣ манзур гардидаанд, ба таври равшан аз дараҷаи баланди навгонии илмӣ ва амиқии таҳқиқот шаҳодат медиҳанд. Мазмун ва муҳтавои ин натиҷаҳо дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ буда, на танҳо ба ғанӣ гардонидани пояҳои илмии соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ мусоидат менамоянд, балки дар айни замон заминаи мустаҳками такмили

ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятиро низ фароҳам месозанд. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмии муаллиф ба такмили низоми қонунгузории ҷиноятӣ, аз ҷумла ба таҷдиди меъёрҳои танзимкунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ, равона гардида, дар баробари ин, ба бартараф намудани мушкилиҳои мавҷудаи амалияи тафтишотӣ ва судӣ, аз ҷумла масъалаҳои дуруст бандубаст намудани кирдорҳо, муайянсозии аломатҳои таркибии ҷиноят ва татбиқи одилонаи ҷазо, мусоидат менамоянд. Бо ҳамин, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур метавонанд ҳамчун заминаи методологӣ ва амалии такмили фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судҳо хизмат намоянд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Таҳлили ҳамаҷонибаи диссертатсия, аз ҷумла ақидаҳо, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулосаҳои назариявӣ, мафҳумҳои асосии илмӣ, инчунин баррасии мушкилоти қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ, ки аз ҷониби муаллиф пешниҳод гардидаанд, ба таври возеҳ аз мавҷудияти мавқеи мустақили илмии муаллиф шаҳодат медиҳанд. Муаллиф бо истифода аз доираи васеи манбаъҳои илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таҷрибаи амалии тафтишотӣ ва судӣ тавонистааст нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои худро бо далелҳои муътамад асоснок намояд, ки ин аз сатҳи баланди омодагии илмӣ ва методологии таҳқиқот гувоҳӣ медиҳад.

Мундариҷаи рисолаи илмӣ нишон медиҳад, ки муаллиф миқдори назарраси маводи илмӣ, қонунгузорӣ ва амалиро мавриди таҳлили амиқ қарор дода, онҳоро ба таври низомманд ҷамъбаст ва арзёбӣ намудааст. Ин ҳолат ба ноил гардидани ҳадаф ва вазифаҳои асосии таҳқиқот мусоидат намуда, арзиши илмӣ ва амалии онро баланд мегардонад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба пояҳои устувори ҳуқуқӣ такя менамояд, аз ҷумла ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018–2028, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда. Ин заминаи меъёрӣ ба натиҷаҳои таҳқиқот эътимоднокии илмӣ бахшида, онҳоро барои истифода дар фаъолияти қонунэҷодкунӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ муҳим мегардонад.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Хулоса ва пешниҳодҳо оид ба диссертатсия бешубҳа арзиши илмӣ дошта, донишҳо ва ғояҳои мавдҷударо дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ, фарқияти тахрибкорӣ аз терроризм ба таври назаррас зиёд мегардонад. Натиҷаҳои бадастомадаи муаллиф метавонанд барои такмили китобҳои таълимӣ аз фанҳои «Ҳуқуқи ҷиноятӣ", "Криминология" ва ғайра истифода

шаванд. Инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро барои такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва амалияи судӣ истифода бурдан мумкин аст.

Дар КҶ пешниҳод намудани таркибҳои нав дар шакли зайл: 1) моддаи 309.1 (Ташкили таълим ва гирифтани таълими хусусияти тахрибкоронадошта). Диспозитсияи модда чунин пешниҳод шудааст: "Ташкили таълим ё гирифтани таълими хусусияти тахрибкоронадошта, инчунин роҳбарӣ ё иштирок дар чунин таълим новобаста аз ҷой ва шакли таълим. ...ҷазо дода мешавад. Ҳамин кирдор, агар: - бо истифода аз мақоми хизматӣ содир шуда бошад, - бо маблағгузорӣ намудани чунин кирдор алоқаманд бошад. ...ҷазо дода мешавад"; 2) моддаи 309.2 (Ташкили гурӯҳи тахрибкорона ё иштирок дар он), яъне ҷавобгарӣ барои ташкил ва таъмини фаъолияти гурӯҳи тахрибкорона ва сохторҳои таркибии он, ҳамчунин барои иштирок дар гуруҳи тахрибкорона".

Натиҷаҳо ва хулосахои илмии дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада нишон медиҳанд, ки онҳо воқеан камбудиҳои дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ ҷойдоштаро пур менамоянд.

**Эродҳо ба диссертатсия ва авторефати он.** Бояд таъкид намуд, ки дар баробари пешниҳодҳои судманд ва аҳамиятноки илмӣ, ки дар сатҳи баланди назариявӣ ва амалӣ таҳия гардидаанд, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок низ ба назар мерасанд. Зикри чунин масъалаҳо бо мақсади такмили минбаъдаи таҳқиқоти илмии муаллиф ва рушди минбаъдаи мавзӯъ аҳамияти муҳим дорад. Аз ҷумла:

1. Муаллиф пешниҳод менамояд, ки мақсади ҷинояти тахрибкорӣ дар таҳрири нав ба шакли «бо мақсади ноустувор сохтани амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти иқтисодиёт ва мудофиа» ифода гардад (саҳ. 11 автореферат). Дар ин робита саволи асоснок ба миён меояд: сабаби ворид намудани ибораи «амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба сифати унсури мақсади ҷиноят дар чист? Аз нуқтаи назари назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, мақсади ҷиноят бояд ба таври дақиқ ва мушаххас ифода ёбад ва бо объекти бевоситаи ҷиноят мутобиқат намояд. Ворид намудани мафҳуми умумии «амнияти миллӣ», ки дорои мазмуни васеъ ва комплексӣ мебошад, метавонад боиси норавшан гардидани ҳудуди таркиби ҷиноят гардад ва дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ мушкилиҳои муайян, аз ҷумла дар масъалаи бандубасти дурусти кирдор ва фарқгузорӣ аз дигар ҷиноятҳо (масалан, терроризм ё ҷиноятҳои иқтисодӣ) ба вуҷуд оварад.

2. Муаллиф пешниҳод менамояд, ки ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон илова намудани моддаи нави 309.3 («Ташкили гурӯҳи тахрибкорона ё иштирок дар он») зарур мебошад ва диспозитсияи онро дар шакли «Ташкил ва

таъмини фаъолияти гурӯҳи тахрибкорона ва сохторҳои таркибии он» пешниҳод кардааст. Ин пешниҳод дорои аҳамияти назариявӣ буда, ба тамоюлҳои муосири криминализатсияи шаклҳои муташаккили ҷинояткорӣ мувофиқат менамояд. Бо вуҷуди ин, як қатор саволҳои муҳими илмӣ ва амалиро ба миён меорад, ки шарҳи иловагиро аз ҷониби муаллиф тақозо менамояд. Пеш аз ҳама, бояд асоснок карда шавад, ки зарурати криминализатсияи чунин кирдор дар чӣ ифода меёбад. Яъне, оё шаклҳои мавҷудаи қонунгузорӣ барои фаро гирифтани чунин ҳолатҳо кофӣ нестанд ва чаро ҷудо намудани таркиби мустақили ҷиноят зарур ониста мешавад.

3. Қонунгузории амалкунанда таърифҳо ва рӯйхати объектҳоеро дар бар намегирад, ки аҳаммияти иқтисодӣ ё мудофиавӣ дошта бошанд ва ҳамчун предмети тахрибкорӣ баромад кунанд. Дар ин робита саволи мантиқӣ ба миён меояд, ки муаллиф бо истифода аз кадом асосҳои методологӣ ва манбаъҳои ҳуқуқӣ предмети ҷиноятро муайян намудааст. Зарур аст, ки муаллиф меъёрҳо ва усулҳои истифодашударо (таҳлили қонунгузорӣ, таҷрибаи судӣ, манбаъҳои байналмилалӣ ё доктринаи ҳуқуқӣ) ба таври возеҳ нишон дода, доираи объектҳои дорои аҳамияти иқтисодӣ ва мудофиавиро бо далелҳои илмӣ асоснок намояд, то ки пешниҳодҳои ӯ дар амалия низ татбиқпазир бошанд.

Албатта, эродҳои дар боло зикршуда хусусияти баҳснок ва тавсиявӣ дошта, ба сатҳи умумии илмӣ, навгонӣ ва аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионии тақризшаванда таъсири манфӣ намерасонанд. Баръакс, онҳо метавонанд ҳамчун замина барои такмили минбаъдаи таҳқиқот хизмат намуда, дар маҷмӯъ ба баҳои мусбати диссертатсия халал ворид намекунанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Оид ба муҳтавои диссертатсия мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 10 мақола дар нашрияҳои ватанӣ ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ чоп шудааст, ки ба муҳтавои диссертатсия мутобиқ доранд.

**Мувофиқати автореферат ба мухтавоии диссертатсия.** Таҳлили автореферат аз он гувоҳӣ медиҳад, ки он ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти дисертатсионӣ, аз он ҷумла мазмуни мухтасар ва кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия оварда шудаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Қурбонзода Афзуна Азим дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ҷиҳати мазмун, сохтор ва тартиби таҳия ба талаботи муқаррарнамудаи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати

диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, №3 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад. Сохтори мантиқии таҳқиқот, риояи талаботи ягонаи таҳияи рисолаҳои илмӣ, тартиби пешниҳоди маводи назариявӣ ва амалӣ, инчунин мутобиқати автореферат ба муҳтавои диссертатсия, шаҳодат аз он медиҳанд, ки муаллиф меъёрҳои муқарраргардидаи барасмиятдарории корҳои илмиро пурра риоя намудааст. Ин ҳолат ба баланд бардоштани сатҳи илмӣ ва методологии таҳқиқот мусоидат намуда, сифати умумии диссертатсияро тасдиқ мекунад.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Таҳлили матни диссертатсия ва автореферат гувоҳи он аст, ки таҳқиқоти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Қурбонзода Афзуна Азим "Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии ҶТ" комилан ба талаботи муқаррарнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, бахусус, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Ҳамин тавр, Қурбонзода Афзуна Азим, сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад. Тақриз бо дарназардошти талаботҳои бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
мудири кафедраи назария ва таърихи давлат
ва ҳуқуқ факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Азиззода У.А.

Имзои Азиззода У.А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва корҳои махсуси ДМТ Шодихонзода Э.Ш.

«27» апрели соли 2026

Суроға: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 17. Телефон: (+992 -37) 221-62-25; 227-15-10, E-mail: kafedra.120001tj@mail.ru, www.tnu.tj.